Дар Вазорати адлияи ҶТ аз 11.03.2020, №1018 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Аз 02.03.2020, №2-Ф ш. Душанбе

«Доир ба Тартиби қабули маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул тавассути терминалҳои пардохти бонкӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ»

070.030.010.

Мутобиқи бандҳои 3 ва 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ шудааст, бо мақсади вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ

1. Тартиби қабули маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул тавассути терминалҳои пардохти бонкӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба муҳтавои фармоиши мазкур бо андозсупорандагон семинар – машваратҳо гузаронида, ҷиҳати сари вақт ба буҷет пардохт шудани маблағи андозҳои ҷамъоваригардида ва пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо дар ин самт мунтазам чораҷӯӣ намоянд.
3. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
4. Фармоиши мазкур як моҳ пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Бо фармоиши раиси
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «02» марти соли 2020
№2-Ф тасдиқ шудааст

**дар Вазорати адлияи ҶТ аз 11.03.2020, №1018 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст**.

Тартиби қабули маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул тавассути терминалҳои пардохти бонкӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ

Тартиби қабули маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул тавассути терминалҳои пардохти бонкӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ (минбаъд- Тартиб) мутобиқи бандҳои 3 ва 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, тартиби ҷамъоварӣ намудани маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда намешавад дар қаламрави шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз терминалҳои пардохти бонкӣ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ, ба танзим медарорад.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ ҷамъовари намудани маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул танҳо аз ҷониби кормандони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз амалӣ карда мешавад.

2. Барои мақсадҳои Тартиби мазкур, истилоҳоти зерин истифода бурда шудаанд:

- терминал – таҷҳизоти барномавию техникии механикӣ ё электронӣ (POS-терминал, МНХ ва ғайра), ки дар маркази протсессингӣ ба қайд гирифта шудааст ва барои гузаронидани амалиёт бо кортҳои пардохтӣ, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, инчунин барои мубодилаи иттилоот бо маркази протсессенгӣ (МП) пешбинӣ шудааст;
- дорандаи корт – шахси воқеӣ, аз ҷумла, шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқии соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси шартномаи пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад;
- корти пардохтӣ (Корт) – воситаи анҷом додани амалиёт ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки аз ҳисоби дорандаи корт пардохт мешаванд;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи амалиёт бо истифодаи воситаҳои пардохти бонкӣ (расид) – ҳуҷҷате (чеки POS-терминал / ТХА, китоби электронии

Терминал), ки барои анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи амалиёт бо истифодаи Кортҳо асос мешавад ва ҳамчун тасдиқи анҷом дода шудани онҳо хизмат мекунад, бо истифодаи Корт дар барандаи қоғазӣ ва ё дар шакли электронӣ тартиб дода мешавад.

- таҷҳизоти худкори амалиёт (ТХА) – компютерӣ махсус бо таъминоти барномавии хазинавии Кумитаи андоз, ки бо дастгоҳи хониши иттилоот аз Корт муҷаҳҳаз шуда, аз ҷониби Бонк ба қайд гирифта шудааст ва барои иҷрои худкори амалиёти пардохт дар мақомоти андоз ва инчунин, барои иҷозатдиҳии электронӣ истифода мешавад.

- низоми пардохти байналмилалӣ - Низоми пардохти миллӣ (ё низомҳои пардохт НП) (НПБ/НПМ) - низомҳои ташкили ҳисоббаробаркуниҳо байни иштирокчиёни НПБ/НПМ дар кишварҳои гуногун, ки стандартҳо ва қоидаҳои ягонаи гузаронидани пардохтҳо бо истифодаи Кортҳои пардохтиро (VISA International, Master Card World wide, Union Pay International, Корти Миллӣ) истифода мебаранд.

- бозпас баргардонидани маблағҳои пулӣ – амалиёт оид ба пурра ё қисман бозпас баргардонидани маблағи андозҳои пардохтшудаи андозҳо ба Дорандаи корт ва ё пардохткунандаи маблағ дар асоси пешниҳод (хулоса)-и хаттии мақомоти андози маҳалли қайди объекти молу мулк ва шуъбаҳои молия дар шаҳру ноҳияҳо амалӣ карда мешавад.

- китоби электронӣ – ҳуҷҷат ё маҷмӯи ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ, ки дар давраи муайяни вақт ҳангоми анҷом додани амалиёт бо истифодаи Терминал тартиб дода шудаанд.

## 2. ҚАБУЛ ВА ҶАМЪОВАРИИ АНДОЗҲО БО ИСТИФОДА АЗ ТЕРМИНАЛҲОИ ПАРДОХТИ БОНКӢ ДАР ШАКЛИ НАҚДӢ ВА ҒАЙРИНАҚДӢ

3. Баъди қабул намудани маблағи андозҳо тавассути терминалҳо бо воситаи реҷаи онлайн аз лаҳзаи анҷом додани амалиёт маблағи пардохтгардида дар ҳисобварақа дарҷгардида, дар суратҳисоби ташкилоти молиявии вобастагардида ворид карда мешавад.

4. Пеш аз гузаронидани амалиёт бо истифодаи Корт, корманди масъули мақомоти андоз ҳақиқӣ будани Корт, муҳлати амали онро месанҷад, итминон ҳосил мекунад, ки дорандаи корт дорои ҳаққи истифодаи он мебошад. Анҷом додани амалиёт дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ бо тартиби дар Дастурамали корбарии POS-терминали электронӣ муқарраршуда анҷом дода мешавад.

5. Ҳангоми анҷом додани амалиёт дар шакли нақдӣ бо ворид намудани рақами мушаххаси андозсупоранда (минбаъд – РМА), уҳдадории андозсупоранда аз ҳисобварақаҳо аз рӯи андоз ва пардохтҳо ва ҳамзамон, суроғаи интихобшуда амалӣ гардида, баъди анҷоми амалиёт (пардохти маблағи андози ҳисобшуда) расид дода мешавад, ки дар он маълумотҳо вобаста ба номгӯи андозсупоранда, РМА, суроғаи объекти молу мулк, намуди андози пардохтшаванда, маблағи андози ҳисобшуда, пардохти маблағи андоз аз рӯи намуд, бақияи қарзи андоз, санаи пардохти маблағ ва

маълумотҳо доир ба нозири андозе, ки маблағи андозро қабул намудааст, дарҷ карда мешавад.

6. Дар мавриди дар шакли ғайринақдӣ аз рӯи кортҳои пардохти бонкӣ қабул кардани рамзи иҷозатдиҳӣ, амалиёт бо тартиби дар банди 5 дарҷгардида амалӣ карда мешавад.

7. Агар пас, аз қабул кардани рамзи иҷозатдиҳӣ намуди амалиёт (аз ҷумла, намуди андози маҳаллӣ, РМА, суроғаи объекти молу мулк, нодуруст ворид кардани маблағи андоз ва ғайраҳо) кормандони масъули мақомоти ҳудудии андоз бояд фавран амалиёти «Бекоркунӣ»-ро тибқи тартиби муқарраргардида анҷом медиҳанд, ба шарте ки функсионали таъминоти барномавии терминалҳои пардохт амалиёти бекоркуниро пешбинӣ намояд.

8. Дар ҳолати барзиёд пардохт намудани маблағи андоз ва пардохтҳо маблағи барзиёд пардохтшуда тибқи талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар асоси муроҷиати хаттии андозсупоранда баргардонида мешавад.

9. Бо хоҳиши андозсупоранда маблағи барзиёд пардохтшудаи андозҳо ба давраҳои дигари андозӣ гузаронида мешаванд.

10. Маблағи андоз барои объектҳои ғайриманқул ва андози замин дар лаҳзаи анҷоми амалиёт (нақдӣ ва ғайринақдӣ) бо асъори миллӣ ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

11. Бо мақсади назорати минбаъда мақомоти андоз расидҳои тавассути терминалҳои пардохт ҷамъоваришудаpо нусхабардорӣ намуда, нигоҳдории онҳоро таъмин намоянд. Назорати амалиёти анҷомдодашуда тибқи талаботи банди 19 Тартиби мазкур амалӣ карда мешавад.

12. Рӯёнидани дигар намуди андозҳо ба воситаи таҷҳизоти бонкӣ қатъиян манъ аст, дар ҳолати ошкор гаштани чунин ҳолат шахсони масъул ва сардорони мақомоти ҳудудии андози дахлдор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## 3. ТАРТИБИ БА БУҶЕТ ПАРДОХТ ГАРДИДАНИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲОИ ҚАБУЛШУДА ДАР ШАКЛИ НАҚДӢ ВА ҒАЙРИНАҚДӢ

13. Маблағи аз ҷониби корманди масъул қабулшуда аз рӯи шакли амалиёт (нақдӣ ва ғайринақдӣ), аз рӯи намуд ва ҳаҷми андози пардохтшуда бо сомонӣ ва бо нишондоди ному насаби пардохткунандаи маблағ, РМА, суроғаи объекти молу мулк ва маблағи андозҳои пардохтшударо тибқи Замимаи 1 ба Тартиби мазкур ба наздиктарин нуқтаи бонки хизматарсон пардохт карда мешавад.

14. Маблағҳои ба бонк супоридашуда аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз шахсони воқеӣ бо маблағҳои дар хотираи таҷҳизоти бонкӣ воридшуда бояд мувофиқат намоянд. Маблағҳои дар рӯйхат нишондодашуда бояд ҳар моҳ бо маблағҳои маълумотномаи бонкӣ (ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохт) аз рӯи намудҳои андоз мувофиқат намоянд.

15. Маблағи андозҳои дар шакли нақдӣ ҷамъоваригардида дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ интиқол дода мешавад.

16. Дар ҳолати ворид нагаштани маблағҳои ҷамъоваришуда дар ин мӯҳлат кормандони масъул ҷавобгӯй мебошанд.

## 4. ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТҲО ВА ҶАВОБГАРӢ

17. Ҳар моҳ то санаи 5-уми моҳи баъди давраи ҳисоботӣ (моҳи тақвимӣ) нозири андозе, ки барои истифодабарии таҷҳизотҳои бонкии мазкур вобаста карда шудааст, ба Сардори мақомоти ҳудудии андоз бо нишондоди ному насаби андозсупоранда, рақами мушаххаси андозсупоранда, намуд ва маблағи андози пардохтшуда, рақами расидҳо, инчунин, санаи қабули маблағи андоз ҳисобот тибқи Замимаи №2 Тартиб пешниҳод менамояд .

18. Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадоранд, ки ҳамарӯза рафти дуруст ва сари вақт ба буҷет пардохт шудани маблағи андозҳои ҷамъоваришударо аз ҷониби кормандони масъул тибқи маълумотҳои бонкӣ ҳамарӯза муқоиса ва назорат намоянд.

19. Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳудудии андоз ҳолати истифодабарӣ ва ба буҷет пардохт шудани маблағи андозҳо ва маблағи дар хазина боқимондаи андозҳои ҷамъовардашударо ҳар нимсола таҳти санҷиш қарор дода, санад тартиб медиҳанд.

20. Дар мавриди корношоям шудани Таҷҳизот (осеб дидани Таҷҳизот), талаф ёфтан ё дуздида шудани Таҷҳизот бо айби мақомоти андоз расонида шудааст, (ба шарте ки ҳолати ҷойдошта исбот карда шавад) ҷуброни он дар доираи шартнома бо бонки хизматрасон ба танзим дароварда мешавад.

Бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди
Хукумати Чумхурии Точикистон
аз "02" марти соли 2020, №2-Ф тасдик шудааст

# Хисобот

Оиди рафти чамъоварии андозхо аз молу мулки гайриманкул ба воситаи терминалхои пардохт дар Нозироти андоз дар шахри (нохияи)_______________ дар мохи _________20__

| № | Ному насаби андозсупоранда | РМА | Сурогаи объект | Санаи кабули маблаг | Маблаги чамъоваригардида | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | хамаги | накди | гайри накди |
| 1 | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | |

Бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Хукумати Чумхурии Точикистон
аз "02" марти соли 2020, №2-Ф тасдик
шудааст

# ХИСОБОТИ ЧАМЪБАСТИ

Оиди рафти воридоти малаги андозхо аз ахоли ба воситаи ПОС-терминалхо дар нозироти андоз дар шахри (нохияи)____________дар мохи ___________соли 20__

| № | Нозири андоз | Чамъоварии маблагхо ба воситаи постерминалхо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | хамаги | Накди | Гайринакди | Дар бонк воридшуда | Фаркият |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |